# СУРАТМАҶЛИСИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 15 – уми феврали соли 2025, № 98 ш. Душанбе**

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз мекунем. Дар маҷлиси имрӯза аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми апрели соли 2024 таҳти № 148/шд тасдиқ шудааст, 15 нафар иштирок доранд, аз инҳо 5 нафар мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда ҳузур доранд. Кворум ҳаст. Оид ба баргузории маҷлиси шурои диссертатсионӣ чи гуна таклифу пешниҳодҳо ҳаст? Пешниҳод гардид, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ оғоз карда шавад.

Аз аъзои шурои диссертатсионӣ хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро муайян кунанд. Зид, бетараф? Нест. Бо як овоз қабул шуд.

## РУЗНОМАИ МАҶЛИС:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи “Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит.

**Роҳбари илмӣ:**

**- Бобоев Мирзоҳаёт Усмонович -** номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

**Муқарризони расмӣ:**

**- Калемуллоев Мунир Воҳидович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**- Давлатов Алиҷон Азизбекович –** доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, кӣ ҷонибдори рӯзномаи пешбинишуда аст, марҳамат овоз дода шавад. Бетараф - нест. Муқобил - нест. Якдилона тасдиқ карда шуд.

Сухан барои шинос намудани ҳозирин бо мундариҷаи асосии хуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи унвонҷӯ ба котиби илмии шуро, номзади илмҳои иқтисодӣ **Бобиев Исмоил Атоевич** дода мешавад.

**Бобиев И.А.:** Маълумотномаи Исоев Диловарҷон Талисовичро қироат мекунад.

**Раиси Шуро:** Ба котиби илмӣ савол ҳаст? Савол нест. Ташаккур, шинед. Сухан ба унвонҷӯй Исоев Диловарҷон Талисович барои маърӯза оид ба муҳтаво ва натиҷаҳои асосиҷ диссертатсия дода мешавад, тибқи банди 81. Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) барои маърӯза то 20 дақиқа вақт дода мешавад. Марҳамат.

**Исоев Д.Т.:** Баромад мекунад.

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ!Кӣ ба Исоев Д.Т. савол дорад? Марҳамат, аъзои шурои диссертатсионӣ: д.и.и., профессор Улуғхоҷаева Х.Р., д.и.и., профессор Султонов З.С., д.и.и., профессор Умаров Х.У., д.и.и., профессор Шарифов З.Р., д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С., д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х., д.и.и., профессор Қурбонов А.К.

**Исоев Д.Т.:** Ба саволҳо ҷавоб медиҳад.

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ! Боз кӣ савол дорад? Савол нест? Кифоя.

Сухани навбатӣ ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ **Бобиев Исмоил Атоевич** барои қироат кардани тақризи роҳбари илмӣ дода мешавад.

**Бобиев И.А.:** Тақризи роҳбари илмиро қироат мекунад (тақриз замима мегардад).

**Раиси Шуро:** Ташаккур!

**Раиси Шуро:** Сухан ба котиби илмии шурои диссертатсионӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ **Бобиев Исмоил Атоевич** барои шинос намудани ҳозирин бо хулосаи комиссияи экспертӣ, тақризи муассисаи пешбар ва дигар тақризҳо, ки ба автореферати диссертатсия навишта шуда, ба шуро ворид шудаанд, дода мешавад.

**Бобиев И.А.:** қироат мекунад:

1. Хулосаи комиссияи экспертӣ.
2. Тақризи муассисаи пешбар (замима мегардад).
3. Тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридшуда (замима мегардад).

**Раиси Шуро:** Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб додан ба эродҳои муассисаи пешбар ва тақризҳои ба автореферати диссертатсия воридгардида дода мешавад.

**Исоев Д.Т.:** Ба эродҳои дар тақризи муассисаи пешбар ва ба эродҳои дар тақризҳои ба автореферати диссертатсия гирифташуда ҷавоб мегардонад.

**Раиси Шуро:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ - **Калемуллоев Мунир Воҳидович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода мешавад.

**Калемуллоев М.В.:** Тақризро қироат мекунад (Тақриз замима мегардад).

**Раиси Шуро:** Сухан ба унвонҷӯ Исоев Д.Т. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Исоев Д.Т.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раиси Шуро:** Ташаккур! Сухан ба муқарризи расмӣ **Давлатов Алиҷон Азизбекович** – доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), дотсенти кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дода мешавад.

**Раиси Шуро:** Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ Исоев Д.Т. барои ҷавоб додан ба эродҳои муқарризи расмӣ дода мешавад.

**Исоев Д.Т.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризи расмӣ ҷавоб мегардонад.

**Раиси Шуро:** Ташаккур! Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ ба мубоҳиса мегузарем. Мувофиқи талаботи банди 92 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) бояд дар музокираи диссертатсия камаш 2 нафар узви Шуро, ки ҳамчун мутахассисон аз рӯйи диссертатсияи ҳимояшаванда дониста мешаванд, ҳатмӣ бояд баромад кунанд. Ҳамзамон, дигар узви Шуро низ метавонанд дар музокира иштирок намоянд. Аз мутахассисон кӣ мехоҳад баромад кунад? Баромад намуданд: д.и.и., профессор Шарифов З.Р., д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н. ва д.и.и., профессор Қурбонов А.К.

**Раиси Шуро**: Боз ягон нафари дигар баромад мекунад? Нест? Ташаккур! Сухан ба унвонҷӯ барои ҷавоб гуфтан ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавӣ дода мешавад!

**Исоев Д.Т.:** Баромад намуда, ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ҷавоб мегардонад, ҳамзамон сухани ҷамъбастиро қироат мекунад.

**Раиси Шуро**: Саломат бошед, шинед. Ба расмиёти ташкили комиссияи ҳисоб мегузарем. Барои ин зарур аст, ки мувофиқи Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) комиссияи ҳисоб дар ҳайати се нафар интихоб карда шавад. Ки тарафдор? Якдилона қабул гардид.

**Раиси Шуро**: Муҳтарам узви Шуро ба ҳайати комиссияи ҳисоб киро пешниҳод менамоед. Пешниҳод шуд ки узви зерини Шуро: д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н., д.и.и., дотсент Хоҷаев П.Д. ва д.и.и., дотсент Ҳикматов У.С. ворид карда шаванд. Кӣ ҷонибдори дар ҳамин ҳайат ташкил намудани комиссияи ҳисоб мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест? Якдилона ҷонибдорӣ гардид. (овоздиҳии пинҳонӣ гузаронида мешавад).

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ сухан ба Раиси комиссияи ҳисоб д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н. дода мешавад.

**Дадоматов Д.Н.:** Муҳтарам Раиси Шуро, муҳтарам аъзёони шурои диссертатсионӣ, иҷозат диҳед шуморо бо протоколи № 1 маҷлиси комиссияи ҳисоб, ки шурои диссертатсионии 6D.KOA-003 аз 15 – уми феврали соли 2025 интихоб намудааст, шинос намоям (протоколи комиссияи ҳисобро мехонад).

**Раиси Шуро:** Ташаккур! Кӣ ҷонибдори он аст, ки протоколи комиссияи ҳисоб тасдиқ карда шавад, хоҳиш мекунам овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест? Якдилона тасдиқ карда шуд.

Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ ба қабули матни хулоса аз рӯйи диссертатсияи Исоев Д.Т. мегузарем, ки қаблан лоиҳаи он ба аъзои шурои диссертатсионӣ тақсим шуда буд. Аъзои шуро чӣ гуна эрод, пешниҳод ё илова доранд?

**Аъзои шуро:** Бо назардошти пешниҳодҳо ва иловаҳо ҳамчун асос қабул карда шавад.

**Раиси Шуро:** Кӣ ҷонибдори бо дарназардошти пешниҳодҳо ва иловаҳо қабул гардидани хулосаи шурои диссертатсионӣ аз рӯйи диссертатсияи Исоев Д.Т. мебошад, марҳамат овоз диҳед. Муқобил, бетараф – нест? Якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ. Акнун мегузарем ба қабули қарори маҷлиси шурои диссертатсионӣ.

## ҚАРОРИ
## маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 15 - уми феврали соли 2025, № 98** **ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи “Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит, тақризи роҳбари илмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Бобоев М.У., тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон; тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Калемуллоев М.В. ва доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит), дотсент Давлатов А.А., баромади мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: д.и.и., профессор Шарифов З.Р., д.и.и., профессор Дадоматов Д.Н. ва д.и.и. ва профессор Қурбонов А.К. шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои шурои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳаммият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин, натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Исоев Диловарҷон Талисович дар мавзуи “Рушди таъминоти ташкилию методии низоми ҳисоботи молиявии бонкҳо дар шароити истифодабарии СБҲМ”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯ мебошад.

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф мазмуну мундариҷаи таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Исоев Диловарҷон Талисович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори маҷлиси шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Исоев Диловарҷон Талисовичро бо дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.08 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит сарфароз намояд.

**Раиси Шуро:** Кӣ тарафдори қабул кардани қарори зикршуда бошад, овоз диҳед. Кӣ тарафдор? Ташаккур! Зид, бетараф нест? Якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шуро:** Муҳтарам аъзои Шурои диссертатсионӣ! Ягон савол ё пешниҳод оид ба тартиби гузаронидани маҷлиси Шуро ҳаст? Нест. Ташаккур!

**Раиси Шуро:** Иҷозат диҳед унвонҷӯро барои бомуваффақият ҳимоя намудани диссертатсияи номзадӣ табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шуро барои ширкати фаъол дар ҳимоя арзи сипос намоям. Бо ҳамин, маҷлиси Шуро пӯшида эълон карда мешавад.

**Раиси шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Хушвахтзода Қ.Х.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои иқтисодӣ** **Бобиев И.А.**

**15 – уми феврали соли 2025**